# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2026. - 45 саҳ.)**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Муаллиф дар муқаддимаи автореферат ба таври муфассал мубрамияти мавзуъро асоснок намуда, қайд менамояд, ки дар шароити ҳозира, ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор дорад. Зеро, он ба дастовардҳои зеҳнӣ, хусусан дастовардҳои технологии замони муосир алоқаманд мебошад. Ҳар як нафар на танҳо истифодабарандаи чунин объектҳо, балки офарандаи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ҳам буда метавонанд. Зеро, ҳар нафаре, ки телефонҳои ҳушманд дорад, имкони сабту навор ва офаридани маводҳои гуногуни зеҳниро дорад. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳо ва дигар сарчашмаҳо шумораи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста рӯз ба рӯз зиёд шуда истодааст. Ҳамзамон, бо рушди истифодаи интернет ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт хеле зиёд ба назар мерасанд. Мусаллам аст, ки интернет шабакаи умумиҷаҳонӣ мебошад ва он хоси як давлат нест (саҳ. 3).

Автореферати диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. (Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) пешниҳод шудааст, ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи маданӣ – «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст.

Дар автореферати мазкур мақсади таҳқиқот ба таври возеҳ ва ҳамаҷониба пешниҳод шудааст. Вазифаҳои дар назди таҳқиқоти мазкур гузошташуда аз ҷумла: таҳлилу омӯзиши масъалаҳо вобаста ба мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; муайян намудан ва баҳодиҳии заминаҳои ҳуқуқии танзимнамоии ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; бо дарназардошти нуктаҳои назари илмии мавҷуда ва муқаррароти санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил кардани мазмун ва моҳияти ҳуқуқҳои вобаста ва ошкорнамоии ихтилофоти мавҷудбуда дар ин самт; муайян кардани аломатҳои тавсифкунандаи ҳуқуқҳои вобастаи субъективӣ дар такя ба ҳуқуқи муосири маданӣ бо муқарраркунии мазмуни ҳуқуқҳои вобастаи субъективию ошкоркунии хусусиятҳои салоҳияти соҳибҳуқуқҳо; муайян кардани реҷаи ҳуқуқии иҷро ва басаҳнагузорӣ, фонограмма, пахши эфирӣ ва кабелӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ.

Таҳлили автореферати диссертатсия нишон дод, ки он бо риояи ҳама талаботи мавҷуда, асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумифалсафавии илмӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои диалектикӣ, низомнок ва ҷамъбасткунанда истифода шудаанд. Инчунин, усулҳои хусусии ҳуқуқӣ, аз қабили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқӣ-ҳуқуқӣ, барои таҳлил ва баррасии мафҳуми фаъолияти иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ татбиқ гардидаанд. Хулосаҳои баровардаи муаллиф доир ба танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили таваҷҷуҳ ва дастгирӣ мебошад. Пешниҳоду хулосаҳои ба ҳимоя пешкашшаванда, хусусан пешниҳоду хулосаҳои 1 ва 2 шоистаи дастгирӣ мебошанд.

Аз ҷумла, муаллиф иброз менамояд, ки «асосҳои назариявии институти ҳуқуқҳои вобаста, аз ҷумла номгӯйи ҳуқуқҳои вобаста ва категорияҳои онҳо, инчунин доир ба объектҳо ва субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста то ҳанӯз дар адабиёти илмии ватанӣ таҳқиқотҳои комил анҷом дода нашудаанд. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама, бояд тавсифоти умумии объектҳои ҳуқуқҳои вобаста, намудҳои

онҳо аз нуқтаи назари вазъу ҳолати онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шавад» (саҳ. 21).

Инчунин, муаллиф дар идомаи таҳлили масъалаи намоиш ҳамчун унсури пахши кабелӣ ва эфирӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд мекунад, ки «намоиш ҳамчун усули махсуси пешниҳоди асар ба омма хизмат намуда, истифодаи воқеии онро дар ҳавзаи фарҳангӣ ва иттилоотӣ таъмин менамояд. Масалан, намоиш метавонад дар намоиши асарҳои аудиовизуалӣ ё дар пахши барномаи телевизионӣ зоҳир шавад, ки имкони даркнамоии объектро барои доираи номуайяни шахсон фароҳам меорад» (саҳ. 28).

Дар таҳқиқоти мазкур ба назари мо чунин хулосаи дар автореферат баёнгардида баҳснок менамояд, ки нисбати он ибрози назар намудани муаллиф муҳим мебошад:

Муаллиф дар нуктаи 4 барои ҳимоя пешниҳодшаванда қайд мекунад, ки «доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста тарзу усулҳои хос ба объектҳои нави пайдомешуда зарур мебошад». Дар ин қисмати нукта муаллиф мушаххасан кадом тарзу усулҳоро дар назар дорад маълум нест. Аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро ин масъаларо дар сатҳи дахлдор равшан созад.

Бо вуҷуди эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки мазмуни автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода М.И. кори илмии мустақилона, бaанҷомрасида ва аз лиҳози назариявӣ асоснокшуда мебошад. Таклифу пешниҳодҳо, инчунин хулосаҳои баёнгардида арзиши муҳимми илмию амалӣ доранд.

Бо ин тартиб, таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
ректори Донишкадаи такмили ихтисоси
Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирзода И.С.

**Суроға:** 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ – 127
Тел.: (+99237) 225-02-51
E-mail: sis-tj85@mail.ru

**Имзои И.С. Собирзодаро тасдиқ мекунам:**
мудири бахши кадрҳо ва коргузории
Донишкадаи такмили ихтисоси
Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Насриддинзода М.М.

Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон * Институт повышения квалификации Министерства юстиции Республики Таджикистан * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроға:** 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ – 127.
Тел.: (+992 37) 225-02-51.
Почтаи электронӣ: info@institute.tj
Сомонаи интернетӣ: www.institute.tj

«04» 04 2026 с.